*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 – и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми хамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 – иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 - и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шароите навишта шудааст, ки воқеан ҷаҳонро ба пуррагӣ равандҳои ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ фаро гирифтаанд. Ҳамзамон, мавзӯи рисолаи илмӣ дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ ба омӯзиши масъалаҳое равона гардидааст, ки аз Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили алоқаҳои берунӣ-иқтисодии мамлакат бармеоянд. Вазъи иқтисоди ҷаҳони муосир исбот намудааст, ки мавқеи маблағгузорон тайи солҳои охир ба тадриҷ рушд карда, ба он оварда расонидааст, ин равандҳо аз ҷониби сохторҳои институтсионалӣ дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ танзим карда шаванд. Ҳамин аст, ки дар автореферати рисолаи илмии Тағоев М.Р. механизмҳои мавҷудаи тавсеаи ҳамкориҳо бо ин созмонҳо баҳои ҳақиқӣ дода шуда, инчунин роҳҳо ва усулҳои мукаммалгардонии онҳо пешниҳод гардидаанд. Дар автореферат сабаби асосии ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявиро муаллиф дар нобаробарии захираҳои молиявӣ дар байни мамлакатҳои ҷаҳон ва вобастагии иқтисодии мамлакатҳои рушдкунандаро аз иқтисодиёти рушдкарда бештар инъикос менамояд, ки ин вобастагӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест.

Ҳамин аст, ки дар алоқамандӣ ба рушди муносибатҳои бозории иқтисодиёти миллӣ зарурияти ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ аҳамияти бузург пайдо намуда, ҳамчун объекти омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

Тағоев М.Р. дар таҳқиқоти илмии худ чунин меҳисобад, ки яке аз манобеъи пайдо кардани захираҳои молиявӣ ин густариши ҳамкорӣ бо

созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ва фондҳои маблағгузори хусусӣ ва давлатии рушд ба шумор меравад, ки ин андеша барои иқтисодиёти кунунии Тоҷикистон воқеъбинона ва дуруст мебошад.

Муаллиф дар автореферат зарурати мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ дар зиёд гардидани таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ ба иқтисоди миллӣ ва пайдо шудани чолишҳои нави таъсиррасон ба иқтисодиёти мамлакат арзёбӣ намудааст. Мусаллам аст, ки то кунун омӯзиши нокифояи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҳамкории Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ҷой дорад, аз ин рӯ таҳқиқоти муаллиф саривақтӣ ва муҳим маҳсуб меёбад.

Дар автореферат Тағоев М.Р. таҳлилҳои қиёсии нишондиҳандаҳои бахши молияи давлатиро бо бахши берунӣ қайд намуда, роҳҳои ҳалли норасоии захираҳои молиявиро барои ҷумҳурӣ дар ташкили ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ шарти зарурӣ мешуморад, ки мо ба фикри унвонҷуй комилан мувофиқ мебошем. Дар қисмати пешниҳод ва дурнамои ҳамкорӣ, муаллиф модели математикии илман асосноккардашударо пешниҳод намуда, барои ба даст овардани ҳадафҳои СМР -2030 роҳи якҷоякунии маблағҳои интиқолӣ ва маблағҳои қарзии созмонҳои байналмилалию минтақавии молиявиро дар истеҳсолот пешниҳод намудааст, ки арзиши баланди илмӣ дорад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳоро низ мушоҳида кардем, ки ба онҳо:

1. Дар автореферат нақшаи кории рисолаи илмӣ оварда нашудааст, ки ба хонанда имконияти пайдо кардани тасвири умумиро оиди рисолаи илмӣ мушкил месозад;

2. Муаллиф дар саҳифаи 12-уми автореферат оиди ҷиҳатҳои мусбии фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ишора кардааст, лекин ҷиҳатҳои манфии ҳамкориро бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ нишон надодааст;

3. Дар хулосаи автореферат саҳ. 26 бошад, муаллиф оиди

мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ пешниҳоди хешро ба таври умумӣ баён кардааст, ки он бояд мушаххас бо якчанд пешниҳодҳои алоҳидаи асоснокшуда оварда мешуданд.

Камбудӣ ва норасоиҳои ошкоршуда арзиши илмии қисматҳои назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва ин андешаҳо хислати пеншиҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

Хулоса, автореферати рисолаи диссертатсионии Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми хамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» *(Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.06.2015с., №504)* ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016с., №505)* ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**декани факултети менеҷмент ва**
**маркетинги байналмилалии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Имомназаров М.А.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Нахимова, 63/1,
E-mail: imomnazarov-m@mail.ru
Тел: *(корӣ)* 2345911, *(моб.)* (+992) 918800568

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Имомназаров М.А. - ро тасдиқ мекунам.

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Бухориев Н.**